**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхонова дар мавзӯи: «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942-2021)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 -Таърихи ватанӣ) пешниҳод мешавад.**

Дар замони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба рушди соҳаи саноат зиёд гардида, бунёди корхонаҳои саноатӣ яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи стратегияи давлатӣ маҳсуб меёбад ва дар бунёди ҷомеаи иҷтимоӣ ва рушди кишвар шароити мусоидро фароҳам меорад. Аз ин ҷост, ки истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмуъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Вобаста ба масоили саноат санаи 14-уми октябри соли 2020 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар чунин иброз доштанд: «Дар шароити имрӯзаи пешрафти иқтисодӣ соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, таъмин намудани рушди он яке аз вазифаҳои афзалиятнок ба шумор меравад».

Бо назардошти он ки Тоҷикистон аз лиҳози захираҳои табиӣ, шароити ҷуғрофӣ ва заминаҳои дигари иқтисодӣ дорои шароит ва имкониятҳои зарурӣ буда, метавонад дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ бо ба роҳ андохтани барномаи стратегии саноатикунонии босуръат ба яке аз кишварҳои саноатии пешрафтаи минтақа табдил ёбад.

Солҳои охир дар кишвар соҳаи бинокорӣ бо маром рушд намуда истодааст. Бо назардошти ин талабот ба масолеҳи бинокорӣ, бахусус аҳаммияти бунёди корхонаҳои истеҳсоли семент рӯз аз рӯз меафзояд. Бинобар ин, омӯзиши масоили рушди корхонаҳои истеҳсолии семент яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, анҷом додани таҳқиқоти илмӣ

оид ба ташаккули корхонаҳои семент дар шароити кунунӣ ҳатмӣ ва зарурӣ мебошад.

Муаллиф иброз медорад, ки қабл аз инқилоб корхонаи саноатии семент дар Тоҷикистон вуҷуд надошт. Он ҳамчун соҳаи калони махсус дар замони барқарор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳамзамон муаллиф қайд менамояд, ки бо истифода аз имкониятҳои табиӣ ва афзудани талабот ба масолеҳи бинокорӣ аҳаммияти бунёди корхонаҳои истеҳсоли семент дар ҶШС Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои сиюми асри гузашта татбиқ гардида, омили рушди саноати мазкур дар ҳаёти мамлакат гардидааст.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ ба чунин хулоса меояд, ки корхонаи истеҳсоли семент ду давраи сифатан нави фаъолият, давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва замони истиқлолро аз сар гузаронидааст. Дар давраи якум корхона дар як шароити сангин, яъне солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бунёд гардида, новобаста аз норасоии қувваи корӣ, нарасидани мутахассисон, хусусан кадрҳои маҳаллӣ, хуб набудани шароити меҳнатию маишии коргарон, ба воситаи қувваи даст иҷро гардидани баъзе аз равандҳои истеҳсолот ва монанди он оҳиста-оҳиста аз вазъият баромада, аллакай дар ибтидои солҳои шастум бо сохта ба истифода додани хатҳои нави истеҳсолот, оташдонҳои даврзанандаи азим ва ба воситаи технологияи муосир ба роҳ мондани раванди истеҳсолот он ба яке аз коргоҳҳои азими саноатӣ табдил меёбад.

Ба андешаи муаллиф давраи дуюми фаъолияти завод, чун солҳои ифтитоҳи он, давраи муҳим ба ҳисоб меравад. Аз оқибатҳои харобиовари ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 1992-1997, ки Тоҷикистони тозатаъсисро ба вартаи парокандагию нобудӣ мебурд, корхонаи семент низ дар канор намонда, чун дигар соҳаҳои хоҷагии мамлакат ба вазъияти мураккаб гирифтор гардид. Бо барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ таваҷҷуҳи ҷиддии роҳбарияти олии мамлакат ба

корхона равона мегардад ва дар як муддати кӯтоҳ хисороти расида бартараф ва он дубора ба маҷрои рушди худ ворид шуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ саноати семент боз ҳам аз соҳаҳои муҳим аз лиҳози имкониятҳои ҷуғрофию захираҳои табиӣ барои саноати мамлакат ба ҳисоб меравад, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ зери таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти кишвар қарор дорад. Дар ин замина бо ҷалби сармояи хориҷӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилоти давлатӣ ва ширкатҳои хусусӣ як қатор корхонаҳои бузурги сементбарорӣ сохта, ба истифода дода шуд, ки ҳаҷми истеҳсоли сементро даҳ маротиба афзун намуд.

Аз ҷониби муаллиф дар диссертатсия бори нахуст таърихи ташаккули фаъолияти корхонаи “Тоҷиксемент” дар даврони Шуравӣ ва замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1942-2021) мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар асоси сарчашмаҳои боэътимод ҷараёни эҳё ва ташаккули соҳаи мазкур таҳқиқ шудааст. Дар кори илмии мазкур заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии бунёди корхонаи мавриди пажӯҳиш, марҳилаҳои ташаккулёбии он, нақши корхона дар рушди саноати мамлакат, роҳҳои ташаккули минбаъдаи он мавриди баррасӣ қарор гирифта, афзалиятҳо ва имконоти табиии кишвар ҷиҳати инкишоф додани соҳаи саноати семент ва нақши он дар роҳи саноатикунонии кишвар бозгӯ шудаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ ва хулосаҳои дорои ҷанбаи назариявӣ ва амалӣ, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд мекунад, ки талабот ба семент, ки соҳаи сохтмон ва бинокориро бидуни он наметавон тасаввур намуд ва ба қавли дигар василаи асосии соҳаи сохтмон ба шумор меравад. Дар солҳои 30–40–уми асри ХХ барои амалисозии нақшаи сохтмони корхонаву муассисаҳо, роҳу пулҳо, маҳаллаҳо ва биноҳои истиқоматӣ ниёз ба масолеҳи сохтмонӣ, пеш аз ҳама семент меафзояд ва муҳиммияти

бунёди корхонаи мазкурро фароҳам меоварад. Ҳамзамон, амалисозии нақшаҳои саноатикунонии мамлакат, бунёди комплексҳои бузурги агросаноатӣ дар Тоҷикистон омили дигари таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидан ба саноати семент ва вусъат додани фаъолияти корхона гардид. Мавҷуд будани захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ ва қулай будани шароити ҷуғрофӣ, ки хусусияти хоси кишвари мо дар давраи саноатикунонӣ ба ҳисоб мерафт, омили асосии рушди саноати семент дар кишвар гардид.

Диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхонова дар мавзуи: «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942- 2021)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 -Таърихи ватанӣ) тақиқоти илмии тахассусӣ ва анҷомёфта буда, ҷавобгӯйи кори илмиву таҳқиқотӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи: «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942- 2021)», ба ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 -Таърихи ватанӣ) мувофиқат дошта, муаллифи он Азизхонова Рухшона Гулбозхонова сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Муқарриз:
Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ М. Зик Зикриёева М.Ф.

Имзои профессор Зикриёева М.Ф.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
2.09.2025

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон (хиёбони Рудакӣ 17).